«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷоратии Тоҷикистон, д.и.т., профессор
_____________ Назарзода Х.Х.
«_13_» __06__________2025

# ХУЛОСАИ

**кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи “Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи “Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09.- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон тахти № 4 аз 30 ноябри соли 2023 тасдиқ гардида, дар кафедраи фанҳои гуманитарии донишгоҳи номбурда иҷро гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 13 июни соли 2025, протоколи № 6 муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

Дар давраи омода кардани диссертатсия Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода ҳамчун, омӯзгор ва унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият мекард. Мавсуф соли 2016 факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси таърих хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супоридааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, профессор Убайдулло Насрулло Каримзода сарходими илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ мебошад.

Диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматулло дар мавзуи “Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)” дар ҷаласаи кафедраи фанҳои гуманитарии

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 13 июни соли 2025, протоколи № 6 баррасӣ гардида, аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, ба ҳимояи ошкоро тавсия дода шудааст.

Дар маҷлис 24 нафар аъзоёни кафедраи фанҳои гуманитарӣ, аз ҷумла 1 нафар доктори илм, 7 нафар номзадҳои илм, 8 нафар саромӯзгорон, 6 нафар омӯзгорон инчунин мутахассисон аз Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ-мудири шуъбаи таърихи навтарин, н.и.т., дотсент А. Ғафуров, ходими калони илмии шуъбаи таърихи навтарин, н.и.т., Ҷ. Мирзоев иштирок доштанд.

**Баҳо ба рисолаи унвонҷӯ.**

Диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи "Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)" ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтааст.

**Мувофиқати мазмуни диссертатсия ба ихтисоси интихобшуда.**

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода "Таърихнигории ҳаёти иқтисоддӣ - иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)" ба талаботи шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Истиқлоли давлатӣ ибтидои марҳалаи комилан нав дар таҳқиқ ва омӯзиши таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Зеро маҳз дар ҳамин давра ба раванди таҳқиқ ва омӯзиши таърих, методҳои таҳқиқ, дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, ба вижа маводи бойгонӣ имконияти наву фаррох ба миён омад. Таърих ва донишҳои таърихӣ ба яке аз воситаи муҳимтарини худшиносии миллӣ, ваҳдат ва ягонагии ҷомеаи кишвар мубаддал гардиданд.

Инчунин таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих, сабақҳои таърихӣ, тамаддун ва оину суннатҳои аҷдодӣ ҳамчун рукнҳои муҳимми муттаҳидкунандаю ваҳдатсоз, воситаи таҳкимбахши худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ, ба болоравии мақом ва нақши донишҳои таърихӣ дар ҷомеа мусоидат намуданд.

Аз тарафи дигар, дар давраи зиёда аз се даҳсолаи соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як марҳалаи

томи таърихиро паси сар намуда, аз минтақаи ҷангзада ва харобшуда ба як кишвари рӯ ба тараққӣ оварда мубаддал гардад. Ин фосилаи на чандон тулонии таърихӣ бо раванди барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, азнавбарқарорсозии хоҷагии халқи харорбшуда ва гузоштани қадамҳои ҷиддӣ дар самти рушд дар ҷаҳони муосир ҳамчун падидаи ҷолиби таърихӣ ва таҷрибаи намунавӣ мавриди эътироф қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи мавриди таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи яке аз паҳлуҳои таърихи давраи муосир, таърихнигории ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар бисту панҷсоли аввали истиқлолият ҳам аз лиҳози мантиқӣ ва ҳам аз зарурияти таърихнигории миллӣ дар шароити кунунӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ва замонавӣ ба ҳисоб меравад. .

Рисола, пеш аз ҳама, ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар чаҳорчӯбаи хронологии солҳои 1991-2016, яъне марҳалаи чорякасраи аввали замони истиқлол бахшида шудааст. Доир ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин марҳалаи таърихии ҷумҳурии соҳибистиқлол таҳқиқоту таълифоти фаровон дар самти илмҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама, таърих, иқтисод ва сиёсатшиносӣ ба анҷом расидаанд, вале ин асарҳо то имрӯз мавриди таҳқиқи таърихнигорӣ қарор нагирифтаанд.

Баррасии таърихнигории мавзӯи мазкур имконият медиҳад, ки, аввалан, сатҳ ва дараҷаи рушди илми таърихшиносии миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ муайян карда шавад ва, аз тарафи дигар, маҳз нақди илмии таърихнигорӣ имкон медиҳад, ки сабабу омилҳои пешравӣ ва монеасози рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар охири асри XX муқаррар гардида, роҳҳои асосӣ ва раванди рушди минбаъдаи ҷумҳурӣ муайян карда шаванд. Вобаста ба ин, яке аз вазифаҳои муҳимми илми муосири таърихшиносии тоҷик ин маҳз таҳлил ва баррасии сатҳи инъикоси раванди рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар таҳқиқот ва адабиёти илмии таърихӣ ва соири илмҳои ҷомеашиносӣ мебошад. Бе нақди таърихӣ, муайян намудани дараҷаи инъикоси раванди рушд ва дастовардҳои ҷумҳурии тозаистиқолол, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва дигар барномаҳои давлатӣ ва, инчунин, таҳия ва қабули нақшаву барномаҳои дурнамои рушд имкон надорад.

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмуии таърихнигории ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистони дар давоми солҳои 1991-2016 ба ҳисоб меравад. Барои иҷрои ҳадафи асосии таҳқиқот иҷрои вазифаҳои

зерин ба нақша гирифта шуд:

- аввалан, муқаррар намудани дараҷаи мубрамияти таҳқиқ ва баррасии таърихи халқи тоҷики замони соҳибистиқлолӣ дар илмҳои ҷоеашиносӣ ва гуманитарии ҷумҳурӣ;
- дуюм, таҳлили таърихнигории асарҳои илмии таърихии ба инъикоси ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлол бахшидашуда;
- баъдан, бардошти нақди таърихӣ оид ба муайян намудани дараҷаи назариявӣ ва амалии инъикоси таърихи давраи муосири халқи тоҷик дар таҳқиқоти таърихӣ;
- инчунин, таҳлил ва равшан намудани сатҳи инъикоси раванди рушди саноат, омилҳои пешбаранда ва монеасози рушди он, мушкилот ва дурнамои соҳа дар ҷумҳурӣ;
- муайян намудани дараҷаи омӯзиши ҷараёни ислоҳот ва дигаргунсозиҳои соҳаи кишоварзӣ, инъикоси пешрафти он дар адабиёти илмии таърихӣ;
- муқаррар намудани дараҷаи инъикоси зарурияти гузаронидани ислоҳоти замину об дар шароити соҳибистиқлолӣ ва муайян намудани давраҳо ва хусусиятҳои хосси он дар адабиёти илмӣ;
- таҳлил ва сатҳи ошкор намудани раванди танзими ҳуқуқии заминаҳои дигаргунсозиҳо ва ислоҳоти иқтисодӣ, ҷараёни қабули санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқон;
- муқаррар намудани нақши муҳаққиқон дар инъикоси шароити зарурии ташаккули муносибатҳои нав дар соҳаи кишоварзӣ ва мақоми он дар рушди давлати соҳибистиқлол;
- аз мавқеи таърихнигорӣ муайян намудани дараҷаи инъикоси сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва ислоҳоти сохторӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ.
- муайян намудани бозтоби раванди ислоҳоти мактабу маориф дар солҳои истиқлол, мушкилот ва монеаҳои соҳа дар адабиёти таърихӣ;
- баррасии нақши фондҳои гуногуни сармоягузорӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ дар рушди иқтисодиёт ва фарҳанги ҷумҳурӣ ва дараҷаи таҳлили онҳо дар адабиёти илмӣ;
- таҳлили дигаргунсозиҳои ҷиддӣ дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ ва бозтоби он дар таҳқиқоти илмӣ ва муайян намудани нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар пешрафти ҷомеаи ҷумҳурии соҳибистиқлол;
- ошкор намудани дараҷаи баррасии имконоти мавҷудаи сайёҳии ҷумҳурӣ, мушкилот ва дурнамои рушди он дар таҳқиқоти пажӯҳандагон;
- муайян намудани ҷанбаъҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ

ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз мадди назари муҳаққиқон берун монда;

- охиран, пешниҳоди тавсияҳо барои рушди минбаъдаи таҳқиқу омӯзиши раванди рушди ҷомеаи муосири тоҷик ва вусъат додани инъикоси онҳо дар адабиёти илмӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он аст, ки бори аввал дар ҷумҳурӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар маҷмуъ раванди рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дараҷаи инъикоси онро дар адабиёти илмӣ фаро гирифтааст. Ба шакли нақди таърихӣ ва ё аз мақеи таърихнигорӣ бори нахуст дараҷаи инъикоси таърихи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар таҳқиқоти илмӣ, пеш аз ҳама, таърихшиносии тоҷик мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Ба замми ин, навгонии таҳқиқоти мазкур боз дар нуктаҳои зерин низ ифода меёбанд:

- маротибаи нахуст таълифоти сершумор, шумораи зиёди асарҳои илмии ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол бахшида, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтанд;

- бори аввал дар маҷмуъ адабиёти илмӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ дар даҳсолаи охири асри XX, махсусан ислоҳоти аграрӣ ва вазъи иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон ба тарозуи нақди таърихӣ гузошта шудаанд;

- ба корҳои илмии дар ин муддат анҷомдодаи муҳаққиқон, ки ба таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон марбутанд, баҳои илмӣ дода шудааст;

- бори нахуст мавқеъ ва назари муҳаққиқон, махсусан, самти илмҳои таърих ва иқтисод дар таҳлил ва тасвири ташкаккули шакли нави муносибатҳои истеҳсолӣ дар ҷомеаи ҷумҳурӣ мавриди ташхис қарор дода шудааст;

– раванди рушди саноат, омилҳои тараққиёти номуназзами он, мушкилот ва дурнамои рушди он ва дараҷаи инъикоси ин соҳа дар адабиёти илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

– кӯшиши ҷиддие дар муайян намудани дараҷаи инъикоси вазъ ва рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми иқтисодиёт, ислоҳоти аграрӣ ва натиҷаҳои он, ташаккули шакли нави муносибат ба замин, шаклҳои заминдорӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ дар адабиёти фаровони илмӣ ба харҷ дода шудааст;

– инъикоси дигаргуниҳо ва таҳаввулоти куллӣ дар ҳаёти фарҳангӣ, ташкилёбии муассисаҳои нави фарҳангӣ, милликунонии арзишҳои

фарҳангӣ, арҷгузорӣ ва эҳёи унсурҳои миллӣ дар адабиёти илмӣ ва нишон додани нақши ин дигаргуниҳо дар болоравии сатҳи маънавии аҳолӣ ва худшиносию ҳувияти миллӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

– ҳамзамон, таҳқиқи имконоти рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои соҳа аз назари муҳаққиқони самтҳои алоҳидаи илм ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумораи мақолаҳои чопшудаи диссертант панҷ мақола дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, ба нашр расидаанд:

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Муҳаммадсафои, И. С. Инъикоси таърихи фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ / И. С. Муҳаммадсафои // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2018. – №4, 2 (25). – С. 160–165. ISSN: 2308-054X

[2-М]. Муҳаммадсафои, И. С. Таҳқиқи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол / И. С. Муҳаммадсафои // Муаррих. – 2021. – №4 (28). – С. 82–93. ISSN:2709-7382

[3-М]. Муҳаммадсафои, И. С. Таърихнигории ислоҳоти аграрӣ дар осори муҳаққиқони Ватанӣ / Б. Р. Қурбонов, И. С. Муҳаммадсафои // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №. 2-2(47). – С. 298-303. ISSN: 2308-054X

[4-М]. Муҳаммадсафои, И. С. Назаре ба ҳафриётҳои бостоншиносӣ Тахти Сангин / Ҷ. М. Неъмонов, И. С. Муҳаммадсафои // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №. 3(48). – С. 352-357. ISSN: 2308-054X

[5-М]. Муҳаммадсафои, И. С. Масоили фарҳанг, санъат ва илму маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва инъикоси он дар осори муҳаққиқон / Ҷ. А. Мирзоев, И. С. Муҳаммадсафои // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025. – №. 2(115). – С. 211-216. ISSN: 2219-5408

### II. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

[6-М].Муҳаммадсафои, И. С. Тамаддуни тоҷикон дар замони бостон ва эҳёи он имрӯз дар Тоҷикистон / А. Абдулов, И. С. Муҳаммадсафои, Р.

Ҳ. Ғафуров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – №. 4-2(34). – С. 306-309. ISSN: 2308-054X

[7-М]. Муҳаммадсафои, И. С. Эҳёи давлатдории халқи тоҷик дар асри XX / И. С. Муҳаммадсафои, Н. А. Абдуллозода // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир» Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе: 2022. — С. 475–480.

[8-М]. Муҳаммадсафои, И. С. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигории ватанӣ / Ҷ. М. Неъмонов, И. С. Муҳаммадсафои // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон» Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе: 2023 – С. 330–334.

[9-М]. Муҳаммадсафои, И. С. Таърихнигории муносибатҳои фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол бо кишварҳои хориҷӣ / И. С. Муҳаммадсафои // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Самтҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар шароити муосир» Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. – С. 320–325.

[10-М]. Муҳаммадсафои, И. С. Нигоҳе ба таърихи бунёди НБО-ҳои Тоҷикистон / И. С. Муҳаммадсафои // Маводи конфронси апрелии ДДТТ. – Душанбе, 2024. С. 275–278.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар дар даврони истиқлолият кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои бунёдӣ роҷеъ ба таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2016), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Таърихи фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Таърихнигории таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол» васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ –таҳқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводи дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи муосири ҷумҳурӣ муфид мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар коркарди

илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводи нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки роҷеъ ба таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол таълиф гардидаанд, дар таҳқиқиислоҳоти аграрӣ дар охири асри XX – ибтидои асри XXI, дар таҳқиқи сабабҳои пастравии саноати Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX ва рушди минбаъдаи он дар ибтидои асри XXI, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, дар таҳқиқи таърихи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол зоҳир мегардад.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.**

Диссертатсияи баррасишуда кори илмии мустақилона анҷомдодаи муаллиф буда, дар асоси меъёрҳои таҳияи диссертатсия омода гардидааст.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқи он дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат ба Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисоддӣ- иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ пешниҳод карда мешавад. Ҷаласаи якҷояи кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи "Таърихнигории ҳаёти иқтисоддӣ- иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи "Таърихнигории ҳаёти иқтисоддӣ- иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ бо назардошти

пешниҳоду тавсияҳо барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқ ба ихтисос тавсия карда шавад.

Хулоса, дар маҷлиси кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 13-уми июни соли 2025 протоколи №6 қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 24 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 24 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул гардид. Протоколи №6 аз 13-уми июни соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.с., мудири кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Неъмонов Ҷ.М.

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қурбонова Г.

***Имзои Неъмонов Ҷ. М. ва Қурбонова Г.– ро тасдиқ мекунам:***

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.

Нишонӣ: 734061, ш. Душанбе, хиёбони Деҳотӣ 1/2,
Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон
Тел.: (+992) 372 34 5973; Сомона: http:// https://www.tguk.tj.

13.06.2025